# ШУЪБАИ НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТИ СИФАТ

**Сардори шуъба Абдураҳмонзода А. Х.**

# Низоми менеҷменти сифат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

- Шуъбаи низоми менеҷменти сифат аз соли 2007 инҷониб амал менамояд.
- Айни замон мувофиқи стандарти байнидавлатии СБД Р ИСО/МЭК 17021-2013 «Баҳодиҳии мутобиқат. Талабот ба ташкилоти таъминкунандаи аудит ва сертификаткунонии системаи менеҷмент» **№TJ 762.37100.01-001-2018** аз 09.02.2018 ваколатдор мебошад.

Шуъбаи низоми менеҷменти сифати Раёсати баҳодиҳии мутобиқат дар Агентии Тоҷикстандарт аввалин мақомоти ваколатдори низоми менеҷментӣ дар Сохтори миллии тасдиқи мутобиқати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар бозори хизматрасонӣ оид ба сертификаткунонии низами менеҷментӣ аз соли 2011 инҷониб фаъолият менамояд.

Агентии Тоҷикстандарт ҳамчун мақомоти салоҳиятдори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи баҳодиҳии мутобиқат омӯзиш, машварат ва амалҳоро оид ба сертификаткунонии низоми сифат, мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

# Ҳуҷҷатҳои роҳнамо

- ИСО 9001:2015 - «Системаи менеҷменти сифат»
- ИСО 14001:2015 - «Системаи менеҷменти экологӣ»
- OHSAS 18001:2007 - «Системаи менеҷменти бехатарии меҳнат»

# Ҳуҷҷатҳои роҳнамо

- ИСО 22000:2018 - «Системаи менеҷменти бехатарии маҳсулотҳои хурокворӣ»
- HACCP - «Таҳлили хатарҳо ва назорат дар нуқтаҳои таҳдидомез»;

# Татбиқи низоми менеҷменти сифат

- Татбиқи низоми менеҷменти  сифат аз 5-давра иборат мебошад:

# Давраи I

- Гузаронидани омузиши кормандони корхона оид ба мундаричаи талаботҳои  ИСО 9001:2015.

# Давраи II

- Гузаронидани таҳлили равандҳо ва ҳуҷҷатҳо дар мувофиқат ба талаботҳои стандарти ИСО 9001:2015;
- Муқоисакунӣ ва тавсифи равандҳо;
- Таҳлили сохтори ҳуҷҷатҳо;
- Ташхиси иҷрои қоидаҳои низоми менеҷменти сифат дар шуъбаҳои вазифавӣ ва истеҳсолӣ дар тамоми ҷузъҳои низоми менеҷменти сифат.

# Давраи III

- Таҳияи лоиҳаҳои қоидаҳои ҳуҷҷаткарда-шуда оиди ҷузъҳои низоми менеҷменти сифат.

# Давраи IV

- Таҳияи барномаи аудитҳои дохилӣ пеш аз сертификатсияи низоми менеҷменти сифат оиди мутобиқат ба талаботҳои стандарти ИСО 9001-2015;
- Иштирок дар гузаронидани аудити дохилӣ ва барасмиятдарории натиҷаҳо, аз он ҷумла таҳияи пешниҳодҳо оиди амалиётҳои дурусткунӣ;
- Расонидани кӯмаки методӣ дар бартарафкунии номувофиқиятҳои натиҷаи аудит;
- Расонидани кӯмак дар барасмиятдарории аризаҳо оиди сертификатсияи низоми менеҷменти сифат (бо анҷом ёфтани бартарафкунии номувофиқатҳо дар натиҷаи аудит).

# Давраи V

- Гузаронидани аудити берунӣ, ки мақсадаш муайян-кунии омадагии ташкилот ба гирифтани сертификат мебошад;
- Гирифтани сертификат;
- Аудити назоратӣ;
- Аз нав сертификатсиякунонӣ (гирифтани сертификати нав).

# Афзалиятҳои низоми менеҷменти сифат

- Татбиқи стандарти ИСО 9001-2015 ба ташкилот афзалиятҳои муҳим медиҳад,  ки онҳоро шартан ҳамин тавр  тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

- Ташкилотӣ;
- Иқтисодӣ;
- Шуҳратмандӣ;
- Стратегӣ.

# Афзалиятҳои ташкилотӣ:

- Идоракунии доимӣ;
- Тақсимкунии дақиқи масъулият ва ваколатҳо (салоҳиятҳо);
- Амали мутақобилаи мувофиқшудаи равандҳо ва вазифаҳо;
- Баланд бардоштани сатҳи бехатарии амалҳои ҳайати кории истеҳсолкунанда (мутахассисони корхона) аз ҳисоби дараҷаи тахассусӣ ва соҳибихтиёрӣ, фарҳанги истеҳсолоти устувории амалҳо, дастгоҳҳо ва равандҳои техникӣ.

# Афзалиятҳои иқтисодӣ:

- Дуруст истифодабарии захираҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;
- Паст намудани сатҳи “истеҳсолоти **пинҳонӣ**” - хароҷотҳо барои бартарафсозии номутобиқатҳо;
- Паст кардани талафотҳои иқтисодӣ аз ҳисоби истифодаи дастгоҳҳои вайрон, таҷҳизот ва  воситаҳои ченаки корношоям ба истеҳсолот;
- Кам кардани арзу шикоятҳо, ҷаримаҳо ва пардохтҳои ширкат вобаста ба ҳаргуна номувофиқиятҳо;
- Васеъ намудани бозори фурӯши молу маҳсулот.

# Афзалиятҳои шуҳратмандӣ:

- Беҳдошти шуҳратмандии корхона дар назди ҳамаи тарафҳои манфиатдор;
- Ба даст овардани тарафдории истеъмолкунандагон;
- Баланд бардоштани одоби кормандон, беҳтаркунии фазои рӯҳӣ;
- Беҳтар намудани муносибат бо таъминкунандагони мол;
- Эътирофи миллӣ ва байналмилалии кори ташкилот дар соҳаи сифат, тақвиятбахшии мавқеъ дар вақти иштирок дар озмунҳо оиди сифат.

# Афзалиятҳои стратегӣ:

- Сайқалдиҳии дониш ва таҷрибаи кормандон, шакливазкунии дониш ва таҷрибаи кормандони корхона дар иқтидори зеҳнии ширкат (корхона);
- Инкишофи дороиҳои ғайримоддӣ ва баландшавии сармояи ширкат;
- Имконияти зиёдкунии соҳибкорӣ;
- Омодагӣ ба азнавкунии равандҳои соҳибкорӣ.

# Самаранокӣ

- Самаранокии кори корхонаҳое, ки низоми сифатро татбиқ кардаанд, аз корхонаҳое, ки дар раванди кориашон онро ҷорӣ накардаанд 2-3 маротиба зиёдтар мебошад.
- Дар натиҷаи ҷорӣ намудани низоми сифат ба ҳар як доллари гузошташуда, таъсири иқтисодӣ аз 2 то 5 долларро ташкил медиҳад.
- Арзиши бозории ташкилот воқеан ба ҳисоби миёна то 10 % зиёд мешавад.

# Ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ:

- Сертификати ИСО 9001 имкон фароҳам меоварад, ки корхонаву ташкилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ ҳамкорӣ дошта бошанд, зеро мавҷудияти сертификати ИСО 9001 дар тамоми ҷаҳон ҳангоми бастани шартнома ва аҳдномаҳо таҷрибаи расмии стандартӣ ба ҳисоб меравад.
- Ҳеҷ ягон ширкати ғарбӣ бо ташкилоту корхонае, ки аз ӯ мавҷудияти сертификаташро вобаста ба стандартҳои байналмилалии силсилаи ИСО 9000 пурсон шуда намесанҷад, шартномаи ҳамкорӣ барқарор намесозад.

# Ҳамкорӣ бо шариконӣ хориҷӣ:

- Ҳамин тариқ, сертификати ИСО 9001-ин рухсатнома ба бозори ҷаҳонӣ дониста мешавад.
- Корхона соҳиби сертификати ИСО 9001 гардида, маблағ бой намедиҳад, балки дар наздиктаринояндабинии инкишофи истеҳсолот соҳиби даромади назаррас мегардад.
- Низоми менеҷменти сифат воситаи манфиатовари рушду инкишофи ширкат мегардад.
- Бинобар ин истифодаи дурусти онро бояд пеша кард.

# Маълумот оиди шумораи корхонаҳои сертификатшуда тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисон

- Ба ҳолати 28 июни соли 2019 дар 257 корхонаҳои истеҳсолию хизматрасон низоми менеҷменти сифат мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ҷорӣ карда шудааст. Аз ҷумла:
- 202 корхона тибқи талаботи ИСО 9001:2015-“Системаи менеҷменти сифат”;
- 52 корхона тибқи талаботи НАССР-“Таҳлили хатарҳо ва назорат дар нуктаҳои таҳдидомез”;
- 1 корхона тибқи талаботи ИСО 22000:2018-“Системаи менеҷменти бехатарии маҳсулотҳои хӯрокворӣ”;

# Маълумот оиди шумораи корхонаҳои сертификатшуда тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисон

- 2 корхона тибқи талаботи OHSAS 18001:2007-“Системаи менеҷменти бехатарии меҳнат”.

Эзоҳ : Дар 5 корхона то 2 стандарти байналмилалӣ (ИСО 9001:2015 ва HACCP) ҷорӣ карда шудааст. Аз ҷумла:

- ҶСП “Комбинати шири Душанбе”;
- ҶДММ Фабрикаи шири “Саодат”;
- ҶДММ “Маколлӣ”;
- ҶСК “Ширин”;
- ҶДММ “555 МПК”.

# Агар ин шумораро ба соҳҳаҳо бо назардошти 257 корхона бо % тақсим намоем пас:

| № р/т | Номгӯи соҳа | Шумораи корхонаҳо | % |
|---|---|---|---|
| 1 | Саноати хӯрока | 88 | 34 |
| 2 | Саноати сабук | 47 | 18 |
| 3 | Саноати вазнин | 43 | 17 |
| 4 | Хизматрасонӣ | 79 | 31 |
| | **Дар маҷмӯ:** | **257** | **100** |

# ТОҶИКСТАНДАРТ

Барои пайдо намудани маълумот ва маслиҳат оиди ҷори намудани низоми менеҷменти сифат ва корҳои сертификаткунонӣ Шумо метавонед ба Агентии Тоҷикстандарт, шуъбаи низоми менеҷменти сифат муроҷиат намоед.

Нишонаи идора: 734018. ш. Душанбе,
кӯч. Н. Қарабоев 42/2, тел: 233-48-12